Латвия

# ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУМО ДАР БОРАИ ҚАБУЛ



**Ин маълумот барои шумо пешбинӣ шудааст, агар**

- шумо ба синни балоғат расида бошед (аз 18-сола боло)
- шумо дар Латвия барои гирифтани ҳимояи байналмилалӣ (инчунин бо номи паноҳандагӣ маъруф аст) дархост пешниҳод карда бошед ва ҳоло дархосткунандаи ҳимояи байналмилалӣ бошед.

TAJIK

# МУНДАРИҶА


Қабул яъне чӣ? 3

Шумо чӣ хоҳед гирифт? 6

Ҳуқуқ ба хизматрасонии тиббӣ 7

Ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсил 10

Ҳуқуқ ба кор 11

Курсҳои забономӯзӣ ва омӯзиши касбӣ 12

Ҳуҷҷате, ки тасдиқ мекунад, ки шумо дархосткунандаи ҳимояи байналмилалӣ ҳастед 13

Шумо дар куҷо хоҳед монд? 13

Ҳолатҳое, ки дар онҳо дархосткунанда метавонад боздошт шавад 18

Уҳдадориҳои шумо дар мавриди қабул кадомҳоянд? 19

Агар шумо уҳдадориҳои худро иҷро накунед, чӣ мешавад? 20

Агар шумо бе иҷозати мақомот ба кишвари дигари EU+ сафар кунед, чӣ мешавад? 21

Пас аз бозгашти шумо ба кишвари узви EU+, ки онро бе иҷозат тарк карда будед, чӣ мешавад? 21

Шумо метавонед нисбат ба қарори мақомот шикоят кунед 22

Шумо метавонед ёрии ҳуқуқӣ гиред 23

Маълумот барои тамос 24

## ҚАБУЛ ЯЪНЕ ЧӢ?

Қабул ин дастгирие мебошад, ки шумо ҳамчун дархосткунанда ҳангоми баррасии дархостатон барои ҳимояи байналмилалӣ аз ҷониби мақомот мегиред. Ин ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳоро дар мавриди қабул дар бар мегирад, ки дар ин брошюра шарҳ дода шудаанд.

Дар Латвия мақомоти масъул барои қабул ва ҷойгиркунии паноҳҷӯён Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират мебошанд.

Мақоми масъул барои баррасии дархости паноҳандагии шумо Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират мебошад.

Масъулони Хадамоти давлатии марзбонӣ аз шумо хоҳиш мекунанд, ки гирифтани маълумоти дар ин брошюра зикршударо тасдиқ намуда, имзо гузоред. Агар чизе норавшан бошад, лутфан аз масъулони Хадамоти давлатии марзбонӣ бипурсед.



**Шумо дар ин кишвар амн ҳастед.**

Дар давоми будубошатон, масъулони Хадамоти давлатии марзбонӣ ё Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират ба шумо вобаста ба вазъиятатон дар бораи хизматрасониҳо ва дастгириҳои мавҷуда дар мавриди қабул маълумот медиҳанд.



Шумо инчунин метавонед аз ташкилотҳои дигар ба таври ройгон маълумот ва кӯмак талаб кунед. Рӯйхати ташкилотҳоро метавонед дар охири ин брошюра пайдо кунед.



Дар сурати зарурат, **тарҷумон** ба шумо кӯмак мекунад, ки бо масъулон бо забони барои шумо фаҳмо муошират кунед. Тарҷумон он чизеро, ки шумо мегӯед, ба ҳеҷ каси дигар ифшо нахоҳад кард.

**Маълумотро дар бораи тартиби паноҳандагӣ ва қоидаҳое, ки шумо бояд риоя кунед, метавонед дар брошюраҳои алоҳида пайдо кунед.**

**Шумо айни замон дар Латвия ҳастед, ки яке аз кишварҳои EU+ мебошад.**

**Кишварҳои EU+ инҳоянд:**

27 кишвари узви Иттиҳоди Аврупо (ИА): Австрия, Белгия, Булғористон, Ҷумҳурии Чех, Дания, Фаронса, Юнон, Хорватия, Эстония, Италия, Ирландия, Латвия, Литва, Люксембург, Кипр, Малта, Нидерландия, Лаҳистон, Португалия, Руминия, Словакия, Словения, Финландия, Испания, Маҷористон, Олмон, Шветсия ва

4 кишвари дигар: Исландия, Лихтенштейн, Норвегия ва Швейтсария.

## Диққат!

Дархосткунандагон дар ҳамаи кишварҳои EU+. ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шабеҳи қабул доранд.

Инҳо қоидаҳо дар бораи дархостҳои паноҳандагӣ ва сафар ба кишварҳои дигари EU+ мебошанд.

**Шумо бояд дархости паноҳандагии худро дар кишвари аввалини EU+, ки ба он ҷо омадаед, пешниҳод ва сабт кунед,** ба истисноИ ҳолатҳое, ки мақомот ба шумо тартиби дигареро маълум карда бошанд.

**Танҳо як кишвари EU+ барои баррасии дархости паноҳандагии шумо масъул аст.** Мақомот дар Латвия тартиброро барои муайян кардани он ки кадом кишвари EU+ барои дархости паноҳандагии шумо масъул аст, риоя хоҳанд кард.

**Шумо бояд дар Латвия бимонед.  Шумо наметавонед бе иҷозати мақомот ба кишвари дигари EU+ сафар кунед.** Агар шумо кишварро тарк кунед, ин оқибатҳои манфӣ хоҳад дошт. Тартиби паноҳандагии шумо дар Латвия метавонад боздошта шавад. Озодии ҳаракати шумо дар кишвари дигар метавонад маҳдуд карда шавад ва баъзе хизматрасониҳои қабул қатъ карда мешаванд.

## ШУМО ЧӢ ХОҲЕД ГИРИФТ?

Дар вақти баррасии дархости шумо барои ҳимояи байналмилалӣ аз ҷониби мақомот, бо назардошти вазъияти молиявии шумо, агар шумо дар маркази ҷойгиркунии паноҳҷӯён қарор дошта бошед, шумо инҳоро хоҳед гирифт:



- ҷойи истиқомат



- ашёҳои гигиенаи шахсӣ



- хӯрока



- сарулибос



- кӯмакпулии ҳаррӯза

# ҲУҚУҚ БА ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ

Мақомот кафолат медиҳанд, ки шумо **хизматрасонии тиббии** зарурӣро мегиред. Ин метавонад, барои мисол, ташрифи духтур ё ҳамшираи шафқат, муоина барои бемориҳои вазнин ва ҳолатҳои музмин, доруҳои ретсептӣ ва дастгирии равониро дар бар гирад.



**Агар шумо ягон мушкилии саломатӣ дошта бошед, лутфан ба масъулон хабар диҳед.**

Агар шумо дар ҳолати фавқулодаи тиббӣ қарор дошта бошед ё ҷароҳат бардошта бошед ва ба табобати таъҷилӣ ниёз дошта бошед, ба масъулон бигӯед ё ба рақами ройгони фавқулодаи 112 занг занед.



Шумо аз ҷониби духтур ё ҳамшираи шафқат муоинаи тиббӣ карда хоҳед шуд. Онҳо вазъи саломатии шуморо арзёбӣ намуда, ба шумо кӯмак мерасонанд. Онҳо аз шумо дар бораи ҳолатҳои тиббии кунунӣ ё гузаштаи шумо, таърихи эмкунӣ (ваксинатсия) ва ҳама гуна доруҳое, ки истеъмол мекунед, саволҳо мепурсанд. Онҳо инчунин аз шумо  дар бораи ҳама гуна ҷароҳатҳо, дардҳо, ҳолатҳои тиббӣ ё нигарониҳое, ки метавонед дошта бошед, хоҳанд пурсид.

Дар Латвия, пас аз сабти дархости паноҳандагии шумо ва ҷойгир шуданатон дар ҷойи истиқомат, шумо аз муоинаи сил (туберкулёз) мегузаред, ки ин ҳатмӣ мебошад.

## Шумо ҳуқуқ доред, ки дастгирии махсус гиред, агар ниёзҳои махсус дошта бошед.







**Лутфан ба масъулон хабар диҳед, агар:**

- шумо бемор ё ҷароҳат бардошта бошед;
- шумо ҳомиладор бошед ё эҳтимолан ҳастед;
- шумо аъзои оилае дошта бошед, ки ба дастгирии махсус ниёз доранд;
- шумо маъюбӣ дошта бошед (масалан, маҳдудияти ҳаракат, сустии шунавоӣ, сустии биноӣ);
- шумо ҳамеша худро асабӣ, нигарон ё беқарор ҳис кунед, хоб рафта натавонед ё фикрҳои тира дошта бошед;
- шумо аз таҷрибаҳои гузаштаи зӯроварӣ ё шиканҷа азият мекашед;
- шумо худро бехатар ҳис накунед, дар хатар бошед ё аз касе тарсед, хоҳ шахси бегона бошад, хоҳ касе, ки мешиносед;
- шуморо ба корҳое, ки намехоҳед, маҷбур кардаанд ё маҷбур карда истодаанд;
- шумо бинобар эътиқод, шахси наздик, сарулибос ё рафтори худ худро ноамн ҳис кунед;
- шумо ба синни 18 нарасида бошед ва бе волидони худ, хоҳ танҳо ва хоҳ бо дигар аъзои оила омада бошед.

Дастгирии махсус танҳо дар сурате расонида мешавад, ки масъулони Хадамоти давлатии марзбонӣ ё Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират аз ниёзҳои махсуси шумо огоҳ бошанд.





Масъулони Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират бо мақсадҳои зерин аз шумо саволҳо мепурсанд:

- барои арзёбии **ниёзҳои махсуси** шумо;
- барои муайян кардани он ки кадом намуди **дастгирии махсус** барои шумо муносибтар аст.

Ин **арзёбии ниёзҳои махсус** номида мешавад.

Дар сурати зарурат, тарҷумон ба шумо кӯмак мекунад, ки бо забони барои шумо фаҳмо муошират кунед.



**Агар шумо ба дастгирии махсус ниёз дошта бошед, ҳамеша ба масъулони Хадамоти давлатии марзбонӣ ё Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират муроҷиат кунед.**

Шумо ин дастгириро то он даме хоҳед гирифт, ки мақомот онро зарур мешуморанд.

Шумо метавонед ба духтурон, ҳамшираҳои шафқат ва масъулони Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират эътимод кунед ва бо онҳо озодона сӯҳбат кунед. Ҳамаи маълумот махфӣ нигоҳ дошта мешавад, яъне он бе розигии шумо ба дигарон ифшо нахоҳад шуд.

Танҳо ҳолати истисноӣ он аст, ки агар ба ҳаёти шумо ё каси дигар хатар таҳдид кунад.

# ДАРЁФТИ ТАҲСИЛ БАРОИ КӮДАКОН

Ҳамаи кӯдакон, писарон ва духтарони то синни 18-сола, ҳуқуқ ба таҳсил доранд.

Онҳо ҳуқуқ доранд, ки дастгирӣ гиранд, барои мисол, дар омӯзиши забони давлатӣ.




Дар Латвия паноҳҷӯён ба таҳсилоти томактабӣ аз синни 5-солагӣ, инчунин ба имконияти гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ (то синни 18-солагӣ) ва таҳсилоти миёна дастрасӣ доранд.

**Волидон уҳдадоранд, ки таҳсили кӯдаки худро таъмин кунанд, аз ҷумла бо муассисаи таълимӣ ҳамкорӣ намоянд.**

# ҲУҚУҚ БА КОР

Вобаста ба вазъиятатон, шумо метавонед пас аз се моҳи сабти дархости худ барои ҳимояи байналмилалӣ дар Латвия, ҳуқуқи кор карданро пайдо кунед.

Масъулони Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират, кормандони иҷтимоӣ ва менторҳо (роҳнамоён) ба шумо дар бораи қоидаҳои дар Латвия амалкунанда маълумот медиҳанд.



Баъзе ҳолатҳои истисноӣ мавҷуданд; барои мисол, агар шумо бо мақомот ҳамкорӣ накунед, ба шумо иҷозати кор дода намешавад.



Ҳамаи писарон ва духтарони то синни 15-сола (дар ҳолатҳои истисноӣ, аз синни 13-солагӣ) иҷозати кор кардан надоранд.

# КУРСҲОИ ЗАБОНОМӮЗӢ ВА ОМӮЗИШИ КАСБӢ

Вобаста ба вазъиятатон, шумо метавонед дар инҳо иштирок кунед:

- курсҳои забони давлатӣ;
- курсҳои таълими шаҳрвандӣ;
- таълими касбӣ.



Масъулон ба шумо дар бораи ин курсҳо ва вақти оғози онҳо маълумот хоҳанд дод.

# ҲУҶҶАТЕ, КИ ШУМОРО ҲАМЧУН ДАРХОСТКУНАНДАИ ҲИМОЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАСДИҚ МЕКУНАД



Шумо ҳуҷҷати расмие бо номи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти паноҳҷӯ хоҳед гирифт, ки он аризадиҳандаи ҳимояи байналмилалӣ будани шуморо тасдиқ мекунад. Ин ҳуҷҷат ном, насаб ва маълумоти шахсии шуморо дар бар мегирад. Шумо бояд онро ҳамеша бо худ дошта бошед.

Он ҳуҷҷати сафар нест.

Хадамоти давлатии марзбонӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти паноҳҷӯро пас аз сабти дархости паноҳандагӣ содир мекунад.

**Диққат!** Эҳтиёт кунед, ки онро гум накунед ва ба одамони дигар надиҳед.

# ШУМО ДАР КУҶО ХОҲЕД МОНД?

Ҷойи истиқомати шумо дар давраи баррасии дархостатон барои ҳимояи байналмилалӣ ба бисёр омилҳо вобаста аст.

Агар шумо таҳти боздошт набошед ё аз шумо талаб карда нашавад, ки дар макони муайян бимонед, ва агар шумо барои таъмини худ ва аъзои оилаатон маблағи кофӣ надошта бошед, шумо дар маркази ҷойгиркунии паноҳҷӯёни Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират ҷойгир карда мешавед.

Шумо инчунин метавонед бо хароҷоти худ барои худ ва аъзои оилаатон ҷойи истиқомат ташкил кунед. Давлат ин хароҷотро намепӯшонад.

**Нобаста аз ҷойи истиқомататон, шумо ҳуқуқ доред:**



- **худро бехатар ҳис кунед**: ҳеҷ кас, аз ҷумла масъулон, ҳуқуқ надорад, ки шуморо таҳдид кунад, таҳқир кунад ё ба шумо зарар расонад;



- **бо шавҳар, ҳамсар, кӯдакон, бародарон ва хоҳарони то синни 18-солаи худ ё бо хешованди болиғе, ки ба нигоҳубини ҳамарӯза ниёз дорад, якҷоя зиндагӣ кунед;**
- **бо хешовандони худ бимонед**, агар шумо шахси болиғе бошед, ки ба нигоҳубини ҳамарӯза ниёз доред;



- барои **тамос** бо оилаатон ва **кӯшиши пайдо кардани онҳо, агар шумо ҷойи будубоши онҳоро надонед**, кӯмак гиред.

**Шумо метавонед шикояти расмӣ пешниҳод кунед, агар боварӣ дошта бошед, ки:**



- масъуле ба шумо таҳдид кардааст, шуморо азият додааст ё ба шумо зарар расонидааст;
- амал ё беамалии масъуле боиси ба шумо зарар расидан шудааст;
- ҳуқуқҳои асосӣ ва ниёзҳои аввалиндараҷаи шумо таъмин карда намешаванд

Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират ба шумо дар бораи чӣ гуна пешниҳод кардани шикояти расмӣ маълумот медиҳанд.

Шумо ҳамеша метавонед аз мақомот, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ё Комиссари олии СММ оид ба паноҳандагон (UNHCR) маълумоти бештар пурсон шавед.

Шумо метавонед дар ҷойи истиқомати хусусӣ бимонед, агар захираҳои молиявии кофӣ дошта бошед ва агар мақомот қарор набароранд, ки шумо бояд дар муассисаи мушаххаси ҷойгиркунӣ бимонед. Дар чунин ҳолат, ба шумо инчунин метавонад иҷозат дода шавад, ки бо оила ё дӯстони худ бимонед.

Давлат хароҷоти будубош дар ҷойи истиқомати хусусиро намепӯшонад.



Хадамоти давлатии марзбонӣ метавонад қарор қабул кунад, ки шумо бояд дар як минтақаи мушаххаси ҷуғрофӣ бимонед. **Дар ин ҳолат, онҳо ба шумо ба забоне, ки мефаҳмед, хаттӣ хабар медиҳанд.**




Хадамоти давлатии марзбонӣ метавонад қарор қабул кунад, ки шумо бояд дар ин ҳудуд бимонед, то дархости шумо барои ҳимояи байналмилалӣ зудтар баррасӣ шавад ё ба хотири мавҷуд будани ҷойҳои холӣ дар марказҳои ҷойгиркунӣ.

Шумо метавонед дар дохили ин минтақа (ҳудуди маъмурӣ) озодона ҳаракат кунед.

Ин минтақаи ҷуғрофӣ дар ҳуҷҷати шумо, ки дархосткунандаи ҳимояи байналмилалӣ будани шуморо тасдиқ мекунад, навишта мешавад.

Агар ба шумо лозим ояд, ки ин минтақаро барои муддати кӯтоҳ тарк кунед, шумо бояд аз Хадамоти давлатии марзбонӣ иҷозат пурсед. Шумо метавонед танҳо бо сабабҳои асоснок, таъҷилӣ ва ҷиддии оилавӣ ё барои гирифтани кӯмаки тиббии зарурӣ, ки дар минтақаи ҷуғрофии будубошатон дастрас нест, иҷозати тарк кардани онро пурсед. Мақомот метавонад дархости шуморо тасдиқ ё рад кунад.

Агар дархости шумо рад карда шавад, шумо метавонед нисбати ин қарор шикоят кунед.

**Вобаста ба вазъиятатон, Хадамоти давлатии марзбонӣ метавонад қарор қабул кунад, ки шумо бояд дар як макони мушаххас (барои мисол, дар як маркази муайяни ҷойгиркунӣ) бимонед.**



**Ба шумо иҷозат дода мешавад, ки ин макони мушаххасро бо назардошти баъзе маҳдудиятҳо тарк кунед. Иқомати шумо дар он макони мушаххас мунтазам тафтиш карда мешавад.**

Хадамоти давлатии марзбонӣ метавонад чунин қарорро бо чанд сабаб қабул кунад. Барои мисол:

- хавфи фирор кардани шумо мавҷуд аст;
- кишвари дигар метавонад барои баррасии дархости паноҳандагии шумо масъул бошад ва мақомот бар ин боваранд, ки шумо метавонед фирор кунед;
- шумо кишварро бидуни иҷозат тарк кардед, шуморо бозгардониданд ва хавфи он мавҷуд аст, ки шумо бори дигар фирор мекунед.

**Хадамоти давлатии марзбонӣ ба шумо дар бораи ин қарор ба забоне, ки мефаҳмед, ба таври хаттӣ хабар медиҳад. Он шуморо аз ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва оқибатҳои нохуш дар сурати риоя накардани қарор огоҳ хоҳад кард.**

Шумо метавонед нисбат ба ин қарор шикоят кунед.

Шумо метавонед аз Хадамоти давлатии марзбонӣ пурсон шавед, ки оё метавонед барои як муддати маҳдуд дар ҷойи дигар бимонед. Мақомот метавонад дархости шуморо тасдиқ ё рад кунад.
Агар дархости шумо рад карда шавад, шумо метавонед нисбати ин қарор шикоят кунед.

**Диққат!** Агар шумо қарори будубош дар ин макони мушаххас ва маҳдудиятҳои ҷоришударо риоя накунед ва хавфи он мавҷуд бошад, ки шумо бори дигар фирор мекунед, шумо метавонед боздошт шавед.

## ҲОЛАТҲОЕ, КИ ДАР ОНҲО ДАРХОСТКУНАНДА МЕТАВОНАД БОЗДОШТ ШАВАД



Боздошт ба ин маънost, ки шумо дар муассисаи махсусе ҷойгир карда мешавед, ки онро озодона тарк карда наметавонед. Мақомот бояд барои боздошти шумо сабаби асоснок дошта бошанд. Онҳо бояд мутмаин бошанд, ки дар мавриди шумо ҳеҷ гуна интихоби дигаре мавҷуд нест. Хадамоти давлатии марзбонӣ пеш аз қабули қарор вазъияти шахсии шуморо ба назар мегирад.

Сабабҳои боздошт метавонанд, барои мисол, инҳоро дар бар гиранд:

- ҷанбаҳои муҳими дархости паноҳандагии шумо (ба монанди шахсияти шумо) бидуни боздошт наметавонанд тасдиқ карда шаванд;
- шумо уҳдадории будубош дар макони муайяншударо риоя накардед ва хавфи он мавҷуд аст, ки шумо бори дигар фирор мекунед ва мақомот наметавонанд бо шумо тамос гиранд;
- шумо дар бораи интиқоли худ ба кишвари EU+, ки барои баррасии дархости паноҳандагии шумо масъул аст, қарор гирифтаед ва хавфи он мавҷуд аст, ки шумо пеш аз интиқол фирор мекунед;
- шумо ба амният таҳдид мекунед.

Агар шумо боздошт шавед, шумо метавонед нисбат ба ин қарор шикоят кунед. Шумо метавонед кӯмаки ҳуқуқӣ ва намояндагии ройгонро дархост кунед.

## УҲДАДОРИҲОИ ШУМО ДАР МАВРИДИ ҚАБУЛ КАДОМҲОЯНД?

 

**Дар зер баъзе аз уҳдадориҳое оварда шудаанд, ки шумо бояд онҳоро риоя кунед.**

- Қонунҳои ин кишварро риоя кунед.
- Дар Латвия бимонед ва бидуни иҷозати мақомот ба кишвари дигари EU+ сафар накунед.
- Минтақаи ҷуғрофӣ (ҳудуди маъмурӣ) ё макони мушаххасеро, ки тибқи қарори мақомот шумо бояд дар он ҷо бимонед, бидуни иҷозат тарк накунед.
- Бо мақомот пурра ҳамкорӣ кунед ва дастурҳои онҳоро иҷро намоед.
- Қоидаҳои макони будубошатонро риоя кунед.
- Ба сокинони дигар, масъулон ва шахсони дигар эҳтиром гузоред.
- Лутфан Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷиратро аз захираҳои молиявии худ огоҳ кунед.
- Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷиратро аз суроғаи кунунӣ ва маълумоти тамоси худ (рақами телефон, суроғаи электронӣ) ва ҳама гуна тағйирот дар онҳо бохабар созед, то онҳо тавонанд дар дилхоҳ вақт бо шумо тамос гиранд.

## АГАР ШУМО УҲДАДОРИҲОИ ХУДРО ИҶРО НАКУНЕД, ЧӢ МЕШАВАД?

Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират вазъияти шуморо арзёбӣ мекунанд ва метавонанд қарор кунанд, ки намудҳои муайяни кӯмакро коҳиш диҳанд ё бекор кунанд. Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират ба шумо дар бораи чунин қарор ба таври хаттӣ хабар




## Диққат!

**Шумо мумкин аст кӯмаки камтар гиред**, барои мисол, агар:

- шумо минтақаи ҷуғрофӣ ё  макони мушаххасеро, ки тибқи қарори мақомот шумо бояд дар он ҷо бимонед, бидуни иҷозат тарк кунед;
- шумо бо мақомот ҳамкорӣ накунед;
- шумо дар бораи захираҳои молиявии худ дурӯғ гӯед;
- шумо қоидаҳои макони будубошатонро вайрон кунед;
- шумо аллакай дар кишвари дигари EU+ дархости паноҳандагӣ пешниҳод карда, он кишварро тарк карда бошед;
- шумо маркази ҷойгиркунии паноҳҷӯёнро бидуни иҷозат тарк кунед;
- шумо суроғаи кунунӣ, рақами телефон ё суроғаи электронии худро пешниҳод накунед.

**Шумо мумкин аст кӯмаки гирифтаатонро аз даст диҳед**, агар шумо зӯроварӣ нишон диҳед, ба дигарон таҳдид кунед ё қоидаҳои макони истиқомати худро ба таври мунтазам ё ҷиддӣ вайрон кунед. Дар чунин ҳолатҳо, полис низ метавонад ҷалб карда шавад. Дар чунин ҳолатҳо, полис низ метавонад ҷалб карда шавад.



## АГАР ШУМО БЕ ИҶОЗАТИ МАҚОМОТ БА КИШВАРИ ДИГАРИ EU+ САФАР КУНЕД, ЧӢ МЕШАВАД?




**Дар Латвия**

- расмиёти паноҳандагии шумо метавонад боздошта шавад.

**Дар кишвари EU+, ки шумо ба он ҷо бидуни иҷозат ворид шудаед:**

- мақомот метавонанд қарор кунанд, ки шуморо ба кишваре, ки бидуни иҷозат тарк кардаед, бозгардонанд.

Аз лаҳзае, ки мақомот шуморо аз қарори бозгашт огоҳ мекунанд, шумо дигар ба баъзе ҳуқуқҳо дастрасӣ нахоҳед дошт, аз ҷумла:

- шумо **бисёр хидматҳо ва намудҳои кӯмакро нахоҳед гирифт;**
- ба шумо иҷозати кор дода нахоҳад шуд;
- ба шумо иҷозати иштирок дар курсҳои забономӯзӣ ё курсҳои омӯзиши маҳоратҳои нав дода нахоҳад шуд.

## БАЪД АЗ БОЗГАРДОНИДА ШУДАН БА КИШВАРИ EU+, КИ ОНРО БИДУНИ ИҶОЗАТ ТАРК КАРДАЕД, ЧӢ ХОҲАД ШУД?



Мақомот метавонанд қарор кунанд, ки шумо бояд дар як макони мушаххас бимонед ва иқомати шумо мунтазам тафтиш карда мешавад. Шумо метавонед марказро бо назардошти баъзе маҳдудиятҳо тарк кунед.

## ШУМО МЕТАВОНЕД НИСБАТ БА ҚАРОРИ МАҚОМОТ ШИКОЯТ КУНЕД



Агар Хадамоти давлатии марзбонӣ ё Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират қарор кунад, ки ҳуқуқҳои шуморо ҳамчун дархосткунанда маҳдуд кунад ва шумо бар ин бовар бошед, ки ин ноодилона аст, **шумо метавонед нисбат ба ин қарор шикоят кунед**.

Шумо метавонед шикоят кунед, агар Хадамоти давлатии марзбонӣ ё Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират:

- қарор кунад, ки шумо ҳуқуқи гирифтани ҷойи истиқомат ва дигар кӯмакҳои қабулро надоред;
- қарор кунад, ки кӯмаки қабули ба шумо пешниҳодшударо коҳиш диҳад ё бекор кунад;
- қарор кунад, ки дархости шуморо барои муваққатан тарк кардани минтақаи ҷуғрофии муайян ё макони мушаххас тасдиқ накунад;
- қарор кунад, ки шумо бояд дар макони муайяншуда (барои мисол, дар як маркази муайяни ҷойгиркунӣ) бимонед ва метавонед онро танҳо бо назардошти баъзе маҳдудиятҳо тарк кунед;
- қарор кунад, ки шуморо боздошт кунад.

Агар шумо бидуни иҷозати мақомот ба кишвари дигари EU+ сафар карда бошед ва ҳуқуқи иқоматро дар он ҷо аз даст дода бошед, шумо метавонед нисбат ба он қарор дар ҳамон кишвар шикоят кунед.

Агар Хадамоти давлатии марзбонӣ ё Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират дар Латвия қарор кунад, ки кӯмаки қабули ба шумо пешниҳодшударо бинобар ҳолатҳои дар саҳифаи 20 шарҳдодашуда коҳиш диҳад ё бекор кунад, шумо дорои ҳуқуқҳои муайян хоҳед буд. Барои мисол, шумо метавонед ба духтур ё ҳамшираи шафқат муроҷиат кунед, кӯмаки тиббӣ гиред ва намудҳои муайяни кӯмакро, аз қабили маводи ғизоӣ, ашёи беҳдоштӣ ва ҷойи истиқомат, ки аз ҷониби мақомот муайян карда мешаванд, дастрас намоед.

Навъи кӯмак аз вазъияти шахсӣ ва эҳтиёҷоти шумо вобаста хоҳад буд.

Агар мақомот дар кишвари EU+, ки шумо ба он ҷо бидуни иҷозат сафар кардаед, қарор кунанд, ки кӯмаки қабули ба шумо пешниҳодшударо бекор намоянд, кӯмаке, ки шумо гирифтани онро идома медиҳед, аз вазъияти шахсӣ ва эҳтиёҷоти шумо вобаста хоҳад буд.

## ШУМО МЕТАВОНЕД ЁРИИ ҲУҚУҚӢ ГИРЕД



Агар шумо хоҳед, ки нисбат ба қарори мақомот дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои қабули худ ба суд шикоят баред, вобаста ба вазъиятатон, мумкин аст ҳуқуқи гирифтани кӯмаки ҳуқуқӣ ва намояндагии ройгонро дошта бошед.

Ин ба ин маънost, ки машваратчии ҳуқуқӣ ё адвокат ба шумо кӯмак хоҳад кард. Машваратчиёни ҳуқуқӣ ё адвокатҳо дар суд кӯмаки ҳуқуқӣ мерасонанд, аз манфиатҳои шумо дифоъ мекунанд ва аз мақомот ва судя мустақил мебошанд.

Шумо инчунин метавонед бо машваратчии ҳуқуқӣ ё адвокат бо маблағи худатон машварат кунед.




Хадамоти давлатии марзбонӣ ва Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират ба шумо дар бораи чӣ гуна шикоят бурдан нисбат ба қарор хабар медиҳанд.

Шумо метавонед ҳамеша аз мақомот, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ё Комиссари олии СММ оид ба паноҳандагон (UNHCR) маълумоти иловагӣ, аз ҷумла маълумот дар бораи кӯмаки ҳуқуқӣ ва намояндагии ройгони мавҷударо пурсон шавед.

# МАЪЛУМОТ БАРОИ ТАМОС

Агар шумо дар давоми будубоши худ саволҳо дошта бошед ё ба кӯмак ниёз доред, метавонед бо масъулоне, ки дар ин ҷойҳо кор мекунанд, тамос гиред:

| маркази қабул | |
|---|---|
| | **Хадамоти давлатии марзбонӣ**<br>Суроға: Rūdolfa iela 5, Рига<br>тел.: +371 67913300<br>почтаи электронӣ: pasts@rs.gov.lv<br>https://www.rs.gov.lv/<br><br>**Раёсати корҳои шаҳрвандӣ ва муҳоҷират**<br>Суроға: Čiekurkalna 1. līnija 1, k-3, Рига<br>тел.: +371 67209400<br>почтаи электронӣ: pasts@pmlp.gov.lv<br>https://www.pmlp.gov.lv/ |

Шумо инчунин метавонед бо ин созмонҳо дар робита ба масъалаҳои марбут ба инҳо тамос гиред:

| кӯмаки тиббӣ | |
|---|---|
|  | **Хадамоти миллии тандурустӣ**<br>Суроға: Cēsu iela 31 k-3, Даромадгоҳи 6, Рига<br>тел.: +371 80001234<br>почтаи электронӣ: nvd@vmnvd.gov.lv<br>https://www.vmnvd.gov.lv |

## маркази кӯмаки психоиҷтимоӣ



**Хатти мустақими ягонаи ройгони бӯҳронӣ: 116 123**

Барои пешниҳоди кӯмаки равониву эҳсосӣ ба калонсолон, инчунин фароҳам овардани имкони сабти ном барои машваратҳои ройгон бо равоншинос пешбинӣ шудааст.

Кӯмак ба забонҳои латвиягӣ, англисӣ ва русӣ дастрас аст.

Тел.: 116 123

## хадамоти машварат, кӯмак ва намояндагии ҳуқуқӣ



Маъмурияти судҳо

Суроға: Antonijas iela 6, Рига

тел.: +371 67063800

почтаи электронӣ: pasts@ta.gov.lv

https://www.ta.gov.lv/

| | |
|---|---|
| **UNHCR (Комиссари олии СММ оид ба паноҳандагон)** | Суроға: Antonijas iela 9,<br>тел.: +46 10 101 28 00<br>почтаи электронӣ: swest@unhcr.org<br>https://www.unhcr.org/ |
| **Бунёди ҳамгироии ҷомеа**<br>**Маркази хизматрасонии ҳамаҷониба (One Stop Shop)** | Суроғаҳои марказҳои хидматрасонии мизоҷони «One Stop Shop»:<br>• Raiņa bulvāris 15, Рига, тел.: +371 26959706<br>• Rožu iela 6, Лиепая, тел.: +371 22811020<br>• Ģimnāzijas iela 11, Даугавпилс, тел.: +371 29557630<br>https://livelatvia.lv/ |
| **Маркази ҳуқуқи башар дар Латвия** | Суроға: Alberta iela 13, Рига<br>Тел.: +371 67039290<br>почтаи электронӣ: office@humanrights.org.lv<br>https://cilvektiesibas.org.lv/ |

Агар шумо вазъияти фавқулодаи тиббӣ дошта бошед ё дар хатар бошед, метавонед ба ин рақами фавқулода занг занед:



**хадамоти фавқулодаи тиббӣ ва полис: 112**

# ЁДДОШТҲОИ МАН

Ин брошюра танҳо барои маълумот пешбинӣ шудааст. Он худ аз худ ягон ҳуқуқ ё уҳдадорӣ ба вуҷуд намеорад. Агентии Иттиҳоди Аврупо оид ба паноҳандагӣ (EUAA) муҳтавои асосии ин маводро таҳия кардааст ва EUAA танҳо ба кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо иҷозати бознашр ё тағйир додани ин брошюраро медиҳад. EUAA барои дурустӣ, муҳтаво, пуррагӣ, қонуният ё эътимоднокии маълумоти дар ин брошюра овардашуда, ки аз ҷониби кишварҳои узви ИА ё дигар шахсони сеюми масъул пешниҳод шудаанд, масъулиятро ба дӯш намегирад. На EUAA ва на ягон шахси дигаре, ки аз номи EUAA амал мекунад, барои истифодаи маълумоти дар ин нашрия мавҷудбуда масъул нест.

© Агентии Иттиҳоди Аврупо оид ба паноҳандагӣ, 2025